# ТАВЗЕҲНОМА

## ба лоиҳаи Дастурамал «Дар бораи бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»

Лоиҳаи Дастурамали мазкур мутобиқи моддаҳои 42 ва 86 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод кардани ҳисобот оид ба андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда, инчунин ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯйи онҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба сифати андозсупоранда ва агенти андоз ҳисоб ва пардохт мекунанд, муайян менамояд.

Қайд карда мешавад, ки айни замон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда, ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯйи онҳо, шакли ҳисоботие пешниҳод мегардад, ки дар он ҳамаи унсурҳо, аз ҷумла ҳисоби тавозуние, ки аз рӯи он андозҳои дахлдор пардохт карда мешаванд ба пуррагӣ нишон дода намешаванд.

Дар доираи лоиҳаи Дастурамали мазкур тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи низоми бонкӣ ба танзим дароварда мешавад, тарзи пур кардани он муқаррар гардида нишондиҳандаҳои оморӣ ба пуррагӣ нишон дода мешаванд.

Дар шакли ҳисоботи омории №1-А маълумот оид ба рамзҳои андозҳо ва намуди андозҳо, бақияи маблағи андозҳо дар аввали давраи ҳисоботӣ (бақияпулӣ-, изофапулӣ+), маблағи ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо, маблағҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андозҳо (рӯйпӯш +/, ҷуброн -/), инчунин бақияи маблағи андозҳо дар охири давраи ҳисоботӣ (бақияпулӣ-, изофапулӣ+) ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, дарҷ карда мешавад.

Ҷиҳати омода намудани маълумоти дақиқ ва шаффоф оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси механизмҳои нави ҷамъбаст намудани маълумот аз рӯи ҳар як намуди андозҳо, маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда ва ҳисоби тавозунӣ зарурати таҳия ва қабули Дастурамали мазкур ба миён омадааст.

Шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба Бонки миллии Тоҷикистон дар файли электронии шакли Excel тариқи почтаи электронӣ, ҳар моҳ на дертар аз таърихи 5-уми баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

Муовини раис Шарифзода Ф. Ҳ.